Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир истифодаи суғурта дар амалияи алоҳидаи бонкӣ барои идора кардани як қисми хавфҳои бонкӣ зарур аст ва илова бар ин имкон медиҳад, ки доираи маҳсулоти бонкии пешниҳодшаванда васеъ карда шавад. Бояд гуфт, ки камбудии назарраси истифодаи суғурта дар амалияи бонкӣ афзоиши арзиши маҳсулот барои мизоҷ ва ё хароҷоти иловагии бонк мебошад. Бо вуҷуди ин, бонке, ки хавфҳои худро суғурта мекунад, дар бозори байнибонкӣ бартарӣ пайдо карда, дараҷаи обрӯи корӣ ва эътимодро ҳам дар байни муассисаҳои молиявӣ ва ҳам аз ҷониби мизоҷони худ боло мебарад.

Ҳамчунин, мавҷудияти шартномаи суғуртавии хатари бонкӣ дар ҷалби мизоҷон ва сармоя кумак менамояд, зеро ин хавфи пардохтнопазирӣ ба муфлисшавии бонкро паст менамояд. Илова бар ин аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ пешниҳод гардидани кафолати ҷуброни зарари ба бонк расонидашуда ба миён омада, ҳангоми бастани шудани шартномаи суғуртавӣ суғуртакунандагон аз болои фаъолияти он назорати ҳаматарафа мебаранд.

Диссертант қайд намудааст, ки бо вуҷуди ин, ташкили системаи комплексии идоракунии хавфҳои бонкӣ ва самаранок истифода бурдани усулҳои алоҳида идоракунии хавфҳо бе ташкили таснифоти идоракунии хавфҳои бонкӣ ғайриимкон мебошад.

Ба ақидаи рисоланавис таҳлили таснифи хавфҳои бонкӣ ва ташкили системаи суғуртаи онҳо имкон медиҳад, ки истифодаи хизматрасонии суғурта барои ҳимояи манфиатҳои қарзгирон дар шартномаҳо ва дигар муносибатҳои додугирифт, на танҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, балки соҳаҳои дигар низ, самаранок ба роҳ монда мумкин аст.

Дар қатори дастовардҳои дар автереферат ҷойдошта, инчунин баъзе камбудиҳои ноаён ва на он қадар муҳим низ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар расми 1 саҳифаи 10 **таснифи шаклҳои суғуртаи хавфҳои бонкӣ** оварда шудааст, аммо нишон дода нашудааст, ки кадом аз ин хатарҳо ба бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ бештар хатарнок мебошад.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи автореферагро кам намекунанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**
**дар шаҳри Хуҷанд** **АЗИМОВ А.Ҷ.**

**Имзои д.и.и. Азимов А.Ҷ – ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва**
**Корҳои махсуси ДИС ДДТТ** **Маҳмудов Ш.У.**

Шӯъбаи кадрҳо